**Суратмаҷлиси №2**
**Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-102-и назди**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз «06» июни соли 2026 ш. Бохтар

**Иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доранд, мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсия 5 нафар.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-102, ки 6-уми июни соли 2026, дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор гардид.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Холназаров С.

**Котиби илмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Хайрзода А.Г.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии 6D.КОА-102, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2025, таҳти №423/шд тасдиқ гардидааст, 16 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 11 нафарашон доктороны илм ва 5 нафар мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Кворум ҳаст, ҳамин тавр мувофиқи Низомнома дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ, шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз кунад. Оиди оғози кори Шуро чигуна пешниҳод аст? Пешниҳод шуд, ки кори ҷаласаи Шуро кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Кӣ тарафдори чунин пешниҳод аст? Тарафдорон-16 нафар. Зид- нест. Бетараф- нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ҳимояи ошкорои рисолаи илмии Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё, (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ).

Диссертатсия дар кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии довталаби дарёфти дараваи илмӣ: Хайрзода Ашурали Гургак -** доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Раҷабов Умаралӣ,** доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи фармасевтӣ ва заҳршиносии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино;
2. **Давлатмуродзода Мирзомурод,** номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи химияи умумӣ ва методикаи таълими он, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.
3. **Муассисаи пешбар** – МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара».

## БАРОМАД НАМУДАНД:

**Раиси шуро:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Холназаров С. кори шурои диссертатсиониро оғоз намуда ҳамзамон ибрози назар намуд, ки бинобар сабаби роҳбари илмии довталаби дараҷаи илмии имрӯза маҳсуб ёфтани Хайрзода Ашурали Гургак, таклиф ба миён гузошта шуд, ки дар ҷаласаи имрӯза, котиби ҷаласаи шурои диссертатсиони ба ухдаи узви шуро Холзода Муъминҷон Чоршанбе вогузор карда шавад. Таклифи мазкурро ба овоз мегузорам хоҳишмандам мавқеи худро муайян намоед. Зид - нест. бетараф – нест. Марҳамад мухтарам Холзода М.Ч., ба ҷои худ гузаред.

1. **Котиби илмии шуро:** номзади илмҳои педагогӣ, Холзода М.Ч., маълумотҳои мухтасарро дар бораи унвонҷӯ қироат намуд.
2. **Унвонҷӯ:** Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна мазмуни мухтасари диссертатсияро баён кард.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзоёни шуро Бобозода И, バродзода К, Собиров Ҷ, Шерматов Д, Ғафуров Б ки вобаста ба мавзуи диссертатсия буданд, ҷавоб дод.

Баромади **роҳбари илмии унвонҷӯ** Хайрзода Ашурали Гургак - доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мебошад, шунида шуд.

**Тақризи муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсияи Ҳусайнова Ҳ.М., бо имзои раиси ҷаласа номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи умумӣ Раҷабов Сайдалӣ Файзалиевич, ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Ғафурова Дилоров Ҷаборовна ва котиби ҷаласа, н.и.т., мудири кафедраи химияи умумӣ Абуалии Элмурод омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ аз 11-уми майи соли 2026 тасдиқ шудааст.

Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст.

Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё, (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ) сазовор мебошад.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

**1. Раҷабов Умаралӣ,** доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи фармасевтӣ ва заҳршиносии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино;

**2.Давлатмуродзода Мирзомурод,** номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи химияи умумӣ ва методикаи таълими он, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Баромад ва тақриз ба автореферат:**

Ҳамчунин ба шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-102 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Ҳусайнова Ҳ.М. ворид шудаанд:

1. **Қурбонова М. З.** – н.и.х., дотсент мудири кафедраи усули таълими химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

2. **Раҳмонов Р. О.** – д.и.х., ҷонишини директор оид ба илм-и Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини АМИТ. Тақриз мусбат аст.

3. **Баҳодуров Ю.Ф.** – н.и.х., дотсенти кафедраи химияи ғайриорганикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

Ҳамаи тақризҳои воридшуда мусбат буда, баъзе пешниҳодҳо, ки дар ин тақризҳо қайд шудаанд хусусияти тавсиявӣ доранд.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Ҳусайнова Ҳ.М. пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ Ҳусайнова Ҳ.М. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё,

(6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ), сазовар мебошад.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии унвонҷӯ шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ: Ғафуров Бобомурод Абдуқаҳорович, Расулзода Сорбон Пирмад, Ойматова Ҳоҷармо Холмуродовна интихоб гардид. Комиссия овоздиҳии пинҳониро баргузор намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ 16 нафар аъзои шуро иштирок намуданд, ки аз онҳо 11 нафарашон докторони илм ва 5-нафар мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравáнд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдорон -16 нафар, зид - нест, бюлетенҳои беэътибор - нест.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-102 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё, (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ), **тақризи мусбати** муқарризон, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295),

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Баромад ва муҳокимаи диссертатсияи Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули салоҳияти мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё, (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ), пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: **Раҷабов Умаралӣ,** доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи фармасевтӣ ва заҳршиносии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва **Давлатмуродзода Мирзомурод,** номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи химияи умумӣ ва методикаи таълими он, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои

диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** Шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.

**2.** Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё, (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ), дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё, (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ) ба Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё, (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ)-ро дастгирӣ намуда, барои ба Ҳусайнова Ҳамроз Меҳрубоновна додани дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 – Кимиё, (6D011202 – Назария ва технологияи таълими химия (таҳсилоти касбӣ) мусоидат намояд.

Ки тарафдори чунин қарори шурои диссертатсионӣ мебошад? Хоҳишмандем овоз диҳед. Тарафдорон:16 нафар. Зид: нест. Бетараф нест. Якдилона қабул шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Холназаров С.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Холзода М.Ч.**
16.05.2026

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДБ
ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.
ҷм